# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои истифодаи он дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод мешавад. – Душанбе, 2024. – 173с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияе, ки барои баррасӣ пешниҳод гардидааст, ба таҳқиқи вижагиҳои категорияи шахсу шумораи феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Солҳои охир нисбат ба илмӣ забоншиносӣ таваҷҷуҳи олимон махсус ба омӯзиши муқоисавии феъл, ки як қабати таркибии забон буда, чун лексикаи соҳавӣ сазовори таҳқиқ мебошад, равона карда шудааст.

Муқоиса ва таҳқиқи масъалаҳои гуногуни грамматикӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин навъи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки забонҳои муқоисашаванда ҳам аз лиҳози сохтор ва ҳам аз лиҳози мувофиқати маъноӣ пайдо намудан бо аксари масъалаҳои гуногуни забоншиносӣ шинохта шаванд ва натиҷаҳои онҳо дар корҳои гуногуни илмиву таълимӣ, аз он ҷумла омӯзиши муқоисавии шахсу шумораи феъл низ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо назардошти маълумоти зикршуда, мавзуи диссетатсия, нақша, маводи илмию амалии истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳо перомуни таҳқиқи мазкур ба ихтисоси пешниҳодшуда 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Омӯзиши маводи гуногун нишод дод, ки **мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот,** пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки дараҷаи нокифояи омӯзиши шахсу шумораи феъл дар муқоиса бо забони англисӣ аз рӯйи муҳиммияти тасвири калимаҳои асосии фарҳангии муҳити забоншиносии муосир бо мақсади муайян кардани ифодаёбии категорияи шахсу шумораи феъл дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар ин самт масъалаҳое ҳастанд, ки то кунун тамоман омӯхта нашудаанд ё кам таҳқиқ шудаанд.

Таҳқиқоти муқоисавӣ ва масъалаҳои гуногуни ба он вобаста ҳамеша аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Омӯзиши муқоисавӣ амалан барои рушду нуму ёфтани забонҳои гуногун саҳмгузор шуда метавонад.

Диссертант чунин меҳисобад, ки шумораи зиёди адабиёти илмӣ оид ба таҳқиқоти феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ масъалаҳои ташаккули сохторӣ-семантикии онҳо аз нигоҳи муқоиса ва роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо ҳалношуда ва норавшан боқӣ мондааст, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур низ ба ин масъала равона гардидааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳусайнова Ф.Б. зери унвони «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ" ба яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти муқоисавӣ дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар илми забоншиносии тоҷик ва махсусан, дар заминаи усули муқоисавӣ-таърихӣ бори аввал аст, ки категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, дар кори диссертатсионии мавриди назар хусусиятҳои сохториву маъноии ин бахши лексикии забонҳои таҳқиқшуда дар сатҳи шоиста ба таҳқиқ фаро ирифта шудааст. Ғайр аз ин, бори аввал амсилаҳои асоситарини категорияи шахсу шумораи феъл дар забони англисӣ ва тоҷикӣ муайян гардида, таҳлили этимологии истилоҳоти соҳа дар ду забон гузаронида шуда, механизмҳои иқтибосшавии вожаҳои бегона ба забонҳои мавриди таҳқиқ ба гунаи фарох шарҳу баён ёфтаанд.

Нисбати **навгонии илмии таҳқиқот** ман чунин меҳисобам, ки диссертатсия саҳми арзишманди хешро дар таҳлили муқоисавӣ-типологии категорияи шахсу шумораи феъл ва низоми воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи сохтор ва тарҷума гузоштааст ва аз ин ҷост, ки сатҳи луғавии забон қишри бузурги низоми забонӣ буда, диққати ҷиддии забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Дар хусуси категорияи шахсу шумораи забонҳои муқоисашаванда маълумоти тоза дода шудааст.

Шоистаи зикр аст, ки **нуктаҳои асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда**, дар тавсифи умумии таҳқиқ номбар шудаанд, дар диссертатсия ҳаллу фасл гардидаанд. Диссертант Ҳусайнова Ф.Б. барои ба сомон расонидани кори илмии худ **аз усулҳои** таҳлили ҷузъӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, истифода бурдааст, ки ба натиҷаҳои дилхоҳ соҳиб шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** ба густурдагии ҳаҷми маводи таҳқиқ, эътимоднокии манбаъҳои таҳқиқу маълумоти пешкашгардида, ва инчунин, аз диди забоншиносӣ таҳлилу баррасии маводи таҳқиқ бастагӣ дорад. Хулосаи кори

диссертатсионӣ дар 20 банд инъикос ёфта, нисбат ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 5 тавсия пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишондоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Бояд қайд намуд, ки аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия, аз нигоҳи мо, дар он зоҳир мегардад, ки роҷеъ ба бартараф намудани мушкилоти луғавӣ ва тарҷумавии калимаҳои мураккаби забонҳои мавриди назар мумкин аст: дар ташкил ва баргузории машғулиятҳои амалӣ оид ба грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносии муқоисавӣ, тарҷума, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, фарҳангҳо ва ғайраҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муфид мебошанд, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзӯи луғату луғатшиносӣ, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, барои таълифи луғатҳои забоншиносии дузабона, барои тарҷумаи дақиқи матнҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муфид хоҳад буд.

**Бахшҳои асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти илмӣ, сарчашмаҳо ва замима иборат мебошад.

Дар умум, забони диссертатсия илмию далелнок буда, мушоҳидаҳои муҳаққиқ бо далелу мисолҳои возеҳ асоснок карда шудаанд. Таносуби бобҳову фаслҳо дар сохтори диссертатсия хеле хуб риоя шуда, мундариҷаи онҳо бо мазмуни мавзуи таҳқиқшаванда комилан мувофиқ мебошанд.

**Дар муқаддима** диссертант вобаста ба талабот ба ҳамаи қисматҳои диссертатсия, яъне мубрамии диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, маҳалли таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумоти асосиро ворид кардааст, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

**Боби якум**, ки “Таҳқиқи масъалаҳои назарии категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл” номгузорӣ карда шудааст, аз се зербоб иборат буда, маънои грамматикии феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, шинохти категорияҳои шумора ва шахси феъл дар забоншиносии муқоисавӣ, давраҳои таърихии рушди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, категорияи шахсу шумораи феъл

дар давраи бостони забонҳои форсӣ ва англисӣ, категорияи шахсу шумораи феъл да давраи миёнаи забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва англисиро дар бар мегирад.

Барои ноил гаштан ба ҳадаф, диссертант ба асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси машҳури тоҷик, англис ва рус такя кардааст, ки инҳо: А.З. Розенфелд, В.С. Расторгуева, Д. Саймиддинов, З. Мухторов В.Д. Аракин, С. Ҳалимиён ва ғайраҳо мебошанд.

**Дар боби дуюм** сухан дар бораи "Воситаҳои ифодаи категорияи шахс ва шумораи феъли дар забони тоҷикӣ ва забони англисӣ" меравад, ки ин аз панҷ зербоб иборат аст ва масъалаҳои категорияи шахсу шумораи феъл дар давраи муосири забонҳои муқоисашаванда, ифодаи шумора ва шахси якуми забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, ифодаи шумора ва шахси дуюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, ифодаи шумора ва шахси сеюми феъли забони тоҷикӣ дар забони англисӣ, умумият ва фарқияти категорияи шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамаҷониба таҳлил мешавад.

**Боби сеюм**, ки "Вазифаҳои категорияҳои шахс ва шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" унвон дорад, аз чор зербоби асосӣ иборат буда, сухан дар бораи категорияҳои шахсу шумора дар тарзҳои феъли забони тоҷикӣ ва ифодаи он дар забони англисӣ, категорияҳои шахсу шумора дар замонҳои феъли забони тоҷикӣ ва ифодаи он дар забони англисӣ, вазифаҳои категорияҳои шахсу шумора дар сиғаҳои феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вазифаҳои категорияҳои шахсу шумора дар намудҳои феъли забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаи он дар забони англисӣ меравад.

Дар забоншиносии забонҳои муқоисашаванда феъл мавқеи махсусро доро буда, аз дигар ҳиссаҳои нутқи забон тафовут дорад. Доир ба хусусиятҳои низоми дастури феъли забонҳои мавриди назар қарордошта рисолаю моногрфияҳо таълиф шуданд, ки категорияҳои грамматикии феъли ин забонҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин таълифот вобаста ба феъли забони тоҷикӣ категорияҳои тарз, замон, намуд, сиға ва монанди инҳо таҳқиқ ва дифоъ шудаанд.

Диссертант Ҳусайнова Ф.Б. иброз намудааст, ки мавзуи категорияи шахсу шумораи феъл ва муқоисаи сохтории он дар заминаи тарҷумаи бевоситаи асарҳои бадеӣ бори нахуст ба таври фарогир мавриди пажуҳиш қарор дода шуда, дар ин самт ӯ тафовут ва умумиятҳоро муайян ва таҳқиқ намудааст.

Чӣ тавре, ки диссертант иброз намудааст, вобаста ба мафҳуми шахсу шумораи феъл олимон ақидаҳои гуногун доранд.

Забоншинос П. Ҷамшедов қайд мекунанд, ки "Феъл ҳамчун ҷузъи марказии вобаста ба валентнокии семантикиаш мавқеъҳои кушодеро фароҳам меорад, ки на танҳо бо шаклҳои алоҳидаи грамматикии калимаҳо, балки бо

рӯйхати синфҳои морфологии калимаҳо, ки барои ин мавқеъҳо пешбинӣ шудаанд, пур мешаванд”

М.Қ. Темурова дар хусуси ибораҳои сифати феълӣ таҳқиқот анҷом дода, ёдрас мешавад, ки “Вобаста ба пайдоиши шаклҳои нави сифати феълӣ таҳаввулоти чашмгире дар иборасозии сифати феълӣ низ рух дод, ки инкишофи нави ибораи сифати феълӣ натиҷаҳои ҳамин таҳавулот аст”, “Ибораҳои феълӣ аломатҳои ашё, ҳодисаҳо, ҷараёни воқеаву ҳодисаҳои муҳими атрофи моро инъкос намуда, на фақат пайвастҳои грамматикӣ, инчунин пайвасти луғавию маъноӣ низ мебошанд”. [дисс. с. 6]

Забоншиноси рус В.В. Виноградов категорияҳои шумораву шахси феълро дар забошиносии рус тавсиф намудааст. Муаллиф дар кораш категорияи шахсро “таҳкурсии хабари ҷумла” номида, шаклҳои наҳвӣ ва аналитикии шахсро, дар шаклҳои шахси якум, дуюм ва сеюм баррасӣ намуда, маънӣ ва корбасти шаклҳои шахсдори феълро таҳлил намуда, инчунин, феълҳои бешахашсро низ тавсиф додааст.

С. Ҳалимиён категорияҳои шахсу шумораро бо категорияҳои сиғаву замон дар ҷумла “хабар ва хабари ҷумла” шуморида, фарқияти шаклҳои бешахси феълро аз шаклҳои шахсдори феъл ҷудо менамояд. Шаклҳои бешахс, мисли сифати феълию масдар ва феъли ҳолро аз шаклҳои шахсдор бинобар надоштани хабари категорияҳои замону сиға, шахсу шумора, намуду тарз ҷудо мекунад.

**Дар хулоса** диссертант **натиҷаҳои асосии таҳқикро** дар 20 банд пешниҳод намудааст, ки мутобиқ ба **ҳадафу мақсадҳои гузошташуда** баён шудаанд. Аз ҷумла, дар шахсу шумораи феъл, ки сохтори печидаи ифодаи нутқро дорад, корҳои зиёд ба сомон расонида шудаанд, аммо дар муқоиса бо забонҳои дигар пешниҳод намудани ин гуна таҳқиқ боиси возеҳтар шудани гиреҳи асосии мушкилоти забонӣ дар забонҳои муқоисашаванда буда метавонад.

**Рӯйхати адабиёти илмӣ**, сарчашмаҳо ва манбаъҳои дигари таҳқиқи мавриди назар аз жарфнои дониши илмии диссертант дарак медиҳад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки масъалаҳои аз тарафи диссертант гузошташуда ва дар ин замина натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ асосҳои лингвистии омӯзиши шахсу шумораи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро пурра инъкос намуда, боиси тавсиф мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 11 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, дарҷ ёфтааст.

Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳусайнова Фарида Бозоровна муҳаққиқи баркамоли илмӣ

мебошад. Микдори маводи нашрнамудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна муқарраротӣ асосӣ ва хулосаҳои назариявии рисоларо инъикос намуда, ба тамоми талаботи бандҳои 31 ва 33, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Бар замми он, ки диссертатсия пурмазмун ва бо мисолҳои исботкунанда аз тарафи диссертант навишта шудааст, вале ба ҳар ҳол дар диссертатсия **баъзе нуқсонҳо** ба назар мерасанд:

1. Номи мавзуъ: “Категорияи шахсу шумораи феъли забони точикӣ ва воситаҳои ифодаи он  дар забони англисӣ”. Ба фикри ман номи мавзуъ нодуруст ифода шудааст. Хуб мешуд номи мавзуро “Категорияи шахсу шумораи феълӣ дар забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он  дар забони англисӣ” ё “Категорияи шахсу шумораи феълҳои забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он  дар забони англисӣ” мегузоштанд.

2. Дар саҳифи 6, гуфтаҳои забоншинос профессор М.Б. Нағзибекова дар бораи  таҳлили муқоисавӣ бо забони точикӣ тарҷума нашудааст.

3. Баъзе вазифаҳои таҳқиқ  нодуруст ифода шудаанд, вазифаҳо бояд бо феъли мукаммал ифода шаванд, яъне муқоисаи – не, балке, муқоиса намудани..... (саҳ. 10)

4. Дар саҳифаҳои 10-11 номҳои олимони тоҷик нодуруст навишта шудаанд, Ж. Гулназарова не, балке Ж. Гулназарзода, Ф. Баротов не, балке Ф. Баротзода.

5. Дар қисмати “Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда”, на ҳамаи онҳо бо мисолҳо фаҳмонида шудаанд, дар қисматҳои рақами 2,4,7, 9.

6. Саҳ. 101. ҷадвали №24 дар шумораи танҳо - хондаам (хондастам), хондаӣ (хондастӣ), хондааст (хондаст). Шумораи ҷамъ – хондаем (хондастем), хондаед (хондастед), хондаанд (хондастанд). нодуруст аст, чунки дар забони адабии тоҷик феълҳои хондастам, хондастем, хондастанд нест.

7. Саҳ.139. дар ин ҷо муқоисаи намуди феълҳои мутлақ ва давомдор, хатогиҳои ҷиддии грамматикӣ ба назар мерасад. Намуди давомдор ба воситаи феъли ёрирасони “ing” сохта мешавад, яъне мерафтам- нею, балке рафта истодаам. I was going – рафта истода будам тарҷума мешавад. Ё мисоли сеюм: мегуфт – не, балке гуфта истода буд. – he was saying, намегӯянд, чунки дар забони англисӣ, баъзе феълҳо ҳамчун феъл суффикси  “ing” намегиранд ба

монанди like”, “love, “want”, “say” ва ғайра, лекин ҳамчун герундия “ing” мегиранд.

8. Диссертатсия аз камбудиҳои техникӣ низ холӣ нест;

Нуқсонҳои дар боло овардашуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд. Аз рӯйи муҳокимаҳо ва таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои матраҳгардида мо ба чунин хулоса омадем, ки диссертатсия ва фишурдаи он зери унвони Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» ҳамчун таҳқиқи илмии анҷомёфта як дастоварди хуб дар илми забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Умуман, таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ сурат гирифтааст.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» ба муқаррарот ва талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович**

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33.
E-mail: nasruddinov.sirojiddin@gmail.com
Тел.: (+992 37) 2 27 84 97;
Тел. Моб.: (+992) 918 10-14-48.

Имзои Насруддинов С.М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — **Акрамзода Толиб**

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33.
Тел.: (+992 37) 2 21 50 83;
Факс: (+992 37) 2 21 49 11;

**16 .08. 2024.**